**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба кори диссертатсионии Муродов Амиршоҳ Амиралихонович дар мавзӯи «Технологияи муфиди беҳгардонии сифати баъзе равғани растаниҳои ғизоӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори PhD аз рӯйи ихтисоси 6D072704 - Технологияи равғанҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию косметикӣ**

Муродов Амиршоҳ Амиралихонович мудири шӯбаи ташкилӣ-тарбиявии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ, тайи 7 сол ба таҳқиқи химиявии липидҳо ва экстракти растаниҳо ва ҳосил намудани мавод ва маҳсулот дар асоси онҳо фаъолияти илмӣ намуда истодааст. Ӯ соли 2015 Донишгоҳи технологии Тоҷикистонро хатм намуда, ба шубаи магистратураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур дохил шуда, соли 2017 онро бомуваффақият хатм намудааст. Соли 2020 шуъбаи докторантураи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шотемур бо баҳои хубу аъло хатм намудааст. Аз соли 2015 то инҷониб мавзӯи «Технологияи муфиди беҳгардонии сифати баъзе равғани растаниҳои ғизоӣ»-ро мавриди таҳлилу баррасии илмӣ қарор додааст. А.А. Муродов дар давоми ин солҳо маводи зарурии кори диссертатсионии худро ҷамъоварӣ намуда, асарҳои илмии марбут ба кори таҳқиқотиро ба низом даровард. Натиҷаи таҳқиқоти ӯ дар мақолаҳои илмии ба табъррасонидааш инъикос ёфтааст. Довталаб доир ба паҳлӯҳои мухталифи мавзӯъ ва натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсия ва симпозиумҳои илмии донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ якчанд маротиба маърӯза кардааст.

Технологияҳои коркардгардидаи А.А.Муродов оид ба беҳгардонии сифат ва хосиятҳои органолептикии равғанҳо бо истифода аз антиоксидантҳо ва гилхокҳои маҳаллӣ дар оянда метавонанд барои саноати равғанкашии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашаванда бошад. Усулҳои нави таҳлили сифатӣ ва миқдории компонентҳои таркиби равғанҳоро дар оянда метавонанд муҳаққиқон ва мутахассисони соҳавӣ

дар омӯзиш ва таҳқиқи равғанҳо истифода намоянд. Технологияи коркардшудаи ҳосил намудани биодизел дар асоси партови равғанҳои ғизоӣ метавонад дар оянда барои модификатсия намудани сӯзишвориҳои дизелӣ дар соҳаи нафто – химия истифодашаванда бошад.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти таркиби химиявӣ муаллиф самтҳои нави саноатии истифодашавии объектҳои тадқиқотии худро муайян намудааст, ки ин натиҷа аз аҳамият холӣ набуда он метавонад дар оянда дар пешрафти саноати дорусозӣ, атриётӣ, хӯрокворӣ ва истеҳсолоти сӯзишвориҳои алтернативӣ саҳми назарраси худро гузорад.

Зимни анҷоми кори диссертатсионӣ муаллиф худро ба ҳайси муҳаққиқи боистеъдод ва олими баркамол нишон дода, барои муайян кардани мақсаду вазифа ва иҷрои тадқиқотҳои эксперименталии маҳорати баланди илмии худро нишон додааст.

Муродов Амиршоҳ Амиралихонович муваффақ шудааст, ки натиҷаҳои таҳқиқотро бо истифода аз методҳои муосири таҳлили химиявӣ лаёқатмандона ва дуруст коркард намояд. Дар раванди иҷрои кор муаллиф сарчашма ва осори илмии вобаста ба мавзӯъро, ки дар 10 соли охир нашр шудаанд, дақиқназарона мутолиа карда, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор додаст.

Вобаста ба натиҷаҳои таҳқиқот дар доираи мавзӯи кори илмӣ ва натиҷаҳои асосии бадастомада 10 мақолаи илмӣ ба нашр расонида, 1 нахустпатент, 1 санади ҷорикунӣ дар истеҳсолот ва 1 санади ҷорикунӣ дар муассисаи таҳсилоти олии касбӣ низ татбиқ гардидааст.

Мақолаҳои илмӣ ва фишурдаи диссертатсияи А.А.Муродов мундариҷаи умумии диссертатсияро инъикос менамоянд ва ба ҳамаи талаботҳои таҳқиқотҳои кори диссертатсионии ихтисоси 6D072704 - Технологияи равғанҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию косметикӣ ҷавобгӯ мебошанд.

Дар ин замина диссертатсияи А.А.Муродовро кори илмии ба анҷомрасида ҳисобида, онро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори phD

аз рӯйи ихтисоси 6D072704 - Технологияи равғанҳо, равғанҳои эфирӣ ва маҳсулоти атриётию косметикӣ барои ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбарони илмӣ:
доктори илмҳои химия,
дотсенти кафедраи коркарди энергиябаранадҳо
ва хизматрасонии нафту гази
Донишгоҳи техникии Тоҷикистон
ба номи академик М.С.Осимӣ Иброҳимзода Д.Э.

д.и.в профессор мудири кафедраи
фармакология ва паразитологияи
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур Розиқов Ш.Ш.

Суроғаҳо:

734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони академик Раҷабовҳо, 10 Тел.: +(992) 905-22-44-75 Email:Poshokulzoda91@mail.ru

734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони хиёбони Рӯдакӣ 146
Тел: +(992)935-07-99-28 Email: Razikov58@mail.ru

Имзои дотсенти кафедраи коркарди энергиябаранадҳо ва хизматрасонии нафту гази Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ Д.Э. Иброҳимзодаро тасдиқ мекунам:

Тасдиқ мекунам сардори шӯъбаи кадрҳо
ва корҳои махсуси ДТТ
ба номи акад. М.С.Осимӣ Шарипова Д. А.

Имзои профессор мудири кафедраи фармакология ва паразитологияи Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур Ш.Ш. Розиқовро тасдиқ мекунам

Тасдиқ мекунам сардори ШТҲ ва К
ДАТ ба номи Ш.Шоҳтемур Н. А. Раҷабова